ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

ҚАРОР

# ДАР БОРАИ МЕЪЁРҲОИ АНДОЗИ АКСИЗ БАРОИ БАЪЗЕ МОЛҲОИ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ИСТЕҲСОЛШАВАНДА ВА БА ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВОРИДШАВАНДА

(Қарори Ҳукумати ҶТ аз 30.03.2010 №189,
аз 30.06.2012 №348)

Мутобиқи моддаи 247 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

1. Меъёрҳои андози аксиз барои баъзе молҳои дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истеҳсолшаванда ва ба Ҷумҳурии Тоҷикистон воридшаванда мутобиқи замима муқаррар карда шаванд.
2. Қарори мазкур аз 1 майи соли 2005 мавриди амал қарор дода шавад.
3. Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи тартиби муқарраршуда Котиботи Кумитаи ҳамгирoии Идтиҳоди иқтисодии Евразияро оид ба қабули Қарори мазкур огоҳ намояд.
4. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2003 №153 "Дар бораи муқаррар намудани меъёри андози аксизҳо барои баъзе молҳои дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истеҳсолшаванда ва ба Ҷумҳурии Тоҷикистон воридшаванда" аз 1 майи соли 2005 беэътибор дониста шавад.

Раиси Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмонов

аз 2 апрели соли 2005 № 126
ш. Душанбе

Замима
Ба қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии
Тоҷикистон
аз 02.04.2005 №126

## Меъёрҳои андози аксиз барои баъзе молҳои дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истеҳсолшаванда ва ба Ҷумҳурии Тоҷикистон воридшаванда

(Қарори Ҳукумати ҶТ аз 30.03.2010 №189)

| Рамзи мол мувофиқи НМ ФИХ Евразия | Номгӯи молҳо | Меъёри аксиз бо фоизҳо аз арзиш ё ин ки бо евро барои воҳид |
|---|---|---|
| | Гурӯҳи 22<br>Нӯшокиҳои спиртӣ, ғайриспиртӣ ва сирко | |
| 2207 | Спирти этилии денатуратсия нашуда бо консентратсияи спиртии 80%-и ҳаҷм ё зиёда аз он;<br>спирти этилӣ ва дигар қиёмҳои спиртии денатуратсия шудаи консентратсияи мухталиф: | 0,50 евро барои 1 литр |
| 2208 | Спирти этилии денатуратсия нашуда бо консентратисия спиртии камтар аз 80%-и ҳаҷм; қиёми спиртӣ, ликёрҳо ва дигар нӯшокиҳои спиртӣ:<br>(Қарори Ҳукумати ҶТ аз 30.06.2012 №348) | 2,5 евро барои 1 литр спирти 100% |
| 2208 20 | - қиёми спиртӣ, ки дар натиҷаи дистиллятсияи шароби ангур ё афшураи ангур гирифта шудаанд: | 2,5 евро барои 1 литр спирти 400% |
| 2208 60 | арақ: | 2,5 евро барои 1 литр спирти 100% |
| | Гурӯҳи 24<br>Тамоку ва ивазкунандаҳои саноатии тамоку | |
| 2402 | Сигарҳо, сигарҳои охирҳояшон буридашуда, сигариллҳо ва сигаретҳои аз тамоку ё ивазкунандаҳои онҳо: Ғайр аз: | 0,70 евро барои 1 000 дона |
| 2402 20 | - сигаретҳои тамокудор: (бо филтр) | 0,85 евро |

| | | |
|---|---|---|
| | | барои 1 000 дона |
| 2402 20 | - сигаретҳои тамокудор: (бе филтр) | 0, 40 евро барои 1 000 дона |
| 2403 | Дигар тамокуи бо роҳи саноатӣ истеҳсолшуда ва ивазкунандаҳои саноатии тамоку; тамокуи "гомогенизирондашуда"; экстрактҳо ва эссенсҳои тамоку: | 12% |

(Қарори Ҳукумати ҶТ аз 30.03.2010 №189)